# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Комилзода Насим Иброҳим дар мавзуи «Ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991 – 2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих)**

Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба доираҳои васеи олимон имкониятҳои сифатан ҷадид фароҳам овард, то ба таъриху тамаддуни хеш бо нигоҳи тоза нигариста, таҳқиқотро дар ҳама самтҳо воқеъбинона ба анҷом расонанд. Дар ин замина, таҳқиқоти илмӣ бахшида ба ташакули хадамоти дипломатӣ ва сиёсати хориҷии кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон, аҳамияти хосса касб менамояд. Ҳамзамон, муҳаққиқони ҷавон имкон пайдо намуданд, ки таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷии кишварҳои мазкурро дар замони соҳибистиқлолӣ мавриди омӯзиш қарор диҳанд.

Таҳқиқоти илмии рӯйи кор овардаи довталаби дараҷаи илмӣ Комилзода Насим Иброҳим ба масъалаи ташаккул ва таҳаввули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар даврони соҳибистиқлолӣ бахшида шуда, дорои аҳамияти баланди назариявӣ ва илмӣ мебошад. Муаллиф бо такя ба таҳлилҳои амиқ ва истифодаи манбаъҳои муътамад тавонистааст, ки самтҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистонро бо дарназардошти заминаҳои таърихӣ дар даврони шуравӣ ва баъди мустақилияти кишварҳо мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Ҳамчунин, зуҳури таҳдиди хатарҳои муосир, дар солҳои аввали касби истиқлоли давлатӣ ва мустаҳкам набудани пояҳои давлатдории ҳар ду кишвар густариш ва рушди робитаҳои байнидавлатӣ бо кишварҳои минтақа махсусан бо Федератсияи Русия таҳқиқ гардидааст.

Мақсади таҳқиқот пеш аз ҳама дар таҳлили ташаккул ва махсусияти сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Тоҷикистон ва Қазоқистон дар даврони

истиқлол мебошад, ки муаллиф тавонистааст ҳангоми таҳқиқи диессертатсия ҳадафҳои худро дар асоси адабиёти илмӣ исбот намояд.

Дар автореферати диссертатсия мақсад ва вазифаҳо, методҳои таҳқиқ, объект ва предмети омӯзиш, дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқшаванда, давраҳои таърихӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, муқаррароте, ки барои дифоъ пешниҳод мегарданд, ба таври дақиқ ва илмӣ таҳлил карда шудаанд. Инчунин мухтавои асосии кори таҳқиқотӣ давра ба давра ба таври муфассал ва илмӣ дар асоси сарчашмаҳо баён гардидааст, ки ин боиси баланд шудани арзиши илмии моҳияти мавзуи таҳқиқшавандаро ба пуррагӣ ифода мекунад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, тавсияҳо, хулоса ва руйхати сарчашмаву адабиёти истифодашуда иборат мебошад, ки бобҳо ва зербоҳои он бо ҳам алоқаманд буда, таҳлил ва даврабандии онҳо дуруст ба роҳ монда шудааст.

Дар автореферати диссертатсия мухтавои пурраи таҳқиқоти илмӣ ҷойгир карда шудааст, ки моҳияти масъалаи таҳқишударо комилан дар бар мегирад.

Аз мазмун ва мухтавои автореферати диссертатсия бармеояд, ки муаллиф аҳамияти илмиву амалии мавзуи таҳқиқотиро дарк намуда, онро воқеъбинона мавриди омӯзиш қарор додааст. Вай инчунин мухтавои илмии асарҳои муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷиро, ки ба ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон бахшида шудаанд, баррасӣ ва мавриди таҳлил қарор додааст. Муҳаққиқ дар асоси таҳлили сарчашмаҳои хаттӣ масоили асосии мавзуи таҳқиқотиро муайян ва илман исбот намудааст.

Дастоварди муҳими ин таҳқиқот аз он иборат аст, ки масъалаи «Ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991–2021)» дар доираи илми таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ бори аввал бо чунин тарзи таҳлили амиқ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ин таҳқиқот

метавонад барои муҳаққиқон ва коршиносони соҳаи таърих ва муносибатҳои байналмилалӣ манбаи муҳими таҳлилӣ бошад.

Бо итминон метавон изҳор намуд, ки муҳаққиқ ҳадафҳои илмии худро комилан амалӣ намуда, ба натиҷаҳои арзишманди илмӣ ноил гардидааст. Хулоса ва натиҷаҳои асосии илмии бадастовардаи муаллиф ба мазмун ва муҳтавои автореферати диссертатсия мувофиқат намуда, дорои аҳамияти назариявӣ ва амалии баланд мебошанд. Инчунин, қобили зикр аст, ки муҳаққиқ бо истифода аз далелҳои муътамади илмӣ мавзуи таҳқиқотии хешро таҳлил ва асоснок намуда, натиҷагирӣ намудааст.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Комилзода Насим Иброҳим дар мавзуи «Ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991 – 2021)» ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таҳияи диссертатсия авторефератҳо ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) мебошад.

**Муқарриз,**
**д. и. т., профессори**
**кафедраи таърихи умумии**
**ДДХ ба номи М. Назаршоев** **Э. Ҳоҷибеков**

**Имзои Э. Ҳоҷибековро**
**тасдиқ менамоям: Сардори раёсати**
**кадрҳо ва корҳои махсуси ДДХ ба номи**
**Моёншо Назаршоев** **Н. Саидраҳмонов**

12 03 2025

**Суроға: 736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Хоруғ, кӯчаи Ш.Шоҳтемур 109,**

**Телефон: (+992) 22248. E-mail: ksu.khorog@mail.ru**

## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Комилзода Насим Иброҳим дар мавзуи «Ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991 – 2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих)**

Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба доираҳои васеи олимон имконниятҳои сифатан ҷадид фароҳам овард, то ба таъриху тамаддуни хеш бо нигоҳи тоза нигариста, таҳқиқотро дар ҳама самтҳо воқеъбинона ба анҷом расонанд. Дар ин замина, таҳқиқоти илмӣ бахшида ба ташакули хадамоти дипломатӣ ва сиёсати хориҷии кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон, аҳамияти хосса касб менамояд. Ҳамзамон, муҳаққиқони ҷавон имкон пайдо намуданд, ки таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷии кишварҳои мазкурро дар замони соҳибистиқлолӣ мавриди омӯзиш қарор диҳанд.

Таҳқиқоти илмии рӯйи кор овардаи довталаби дараҷаи илмӣ Комилзода Насим Иброҳим ба масъалаи ташаккул ва таҳаввули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар даврони соҳибистиқлолӣ бахшида шуда, дорои аҳамияти баланди назариявӣ ва илмӣ мебошад. Муаллиф бо такя ба таҳлилҳои амиқ ва истифодаи манбаъҳои муътамад тавонистааст, ки самтҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистонро бо дарназардошти заминаҳои таърихӣ дар даврони шуравӣ ва баъди мустақилияти кишварҳо мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Ҳамчунин, зуҳури таҳдиди хатарҳои муосир, дар солҳои аввали касби истиқлоли давлатӣ ва мустаҳкам набудани пояҳои давлатдории ҳар ду кишвар густариш ва рушди робитаҳои байнидавлатӣ бо кишварҳои минтақа махсусан бо Федератсияи Русия таҳқиқ гардидааст.

Мақсади таҳқиқот пеш аз ҳама дар таҳлили ташаккул ва махсусияти сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Тоҷикистон ва Қазоқистон дар даврони

истиқлол мебошад, ки муаллиф тавонистааст ҳангоми таҳқиқи диессертатсия ҳадафҳои худро дар асоси адабиёти илмӣ исбот намояд.

Дар автореферати диссертатсия мақсад ва вазифаҳо, методҳои таҳқиқ, объект ва предмети омӯзиш, дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқшаванда, давраҳои таърихӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, муқаррароте, ки барои дифоъ пешниҳод мегарданд, ба таври дақиқ ва илмӣ таҳлил карда шудаанд. Инчунин муҳтавои асосии кори таҳқиқотӣ давра ба давра ба таври муфассал ва илмӣ дар асоси сарчашмаҳо баён гардидааст, ки ин боиси баланд шудани арзиши илмии моҳияти мавзуи таҳқиқшавандаро ба пуррагӣ ифода мекунад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, тавсияҳо, хулоса ва руйхати сарчашмаву адабиёти истифодашуда иборат мебошад, ки бобҳо ва зербоҳои он бо ҳам алоқаманд буда, таҳлил ва даврабандии онҳо дуруст ба роҳ монда шудааст.

Дар автореферати диссертатсия муҳтавои пурраи таҳқиқоти илмӣ ҷойгир карда шудааст, ки моҳияти масъалаи таҳқишударо комилан дар бар мегирад.

Аз мазмун ва муҳтавои автореферати диссертатсия бармеояд, ки муаллиф аҳамияти илмиву амалии мавзуи таҳқиқотиро дарк намуда, онро воқеъбинона мавриди омӯзиш қарор додааст. Вай инчунин муҳтавои илмии асарҳои муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷиро, ки ба ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон бахшида шудаанд, баррасӣ ва мавриди таҳлил қарор додааст. Муҳаққиқ дар асоси таҳлили сарчашмаҳои хаттӣ масоили асосии мавзуи таҳқиқотиро муайян ва илман исбот намудааст.

Дастоварди муҳими ин таҳқиқот аз он иборат аст, ки масъалаи «Ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991–2021)» дар доираи илми таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ бори аввал бо чунин тарзи таҳлили амиқ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ин таҳқиқот

метавонад барои муҳаққиқон ва коршиносони соҳаи таърих ва муносибатҳои байналмилалӣ манбаи муҳими таҳлилӣ бошад.

Бо итминон метавон изҳор намуд, ки муҳаққиқ ҳадафҳои илмии худро комилан амалӣ намуда, ба натиҷаҳои арзишманди илмӣ ноил гардидааст. Хулоса ва натиҷаҳои асосии илмии бадастовардаи муаллиф ба мазмун ва муҳтавои автореферати диссертатсия мувофиқат намуда, дорои аҳамияти назариявӣ ва амалии баланд мебошанд. Инчунин, қобили зикр аст, ки муҳаққиқ бо истифода аз далелҳои муътамади илмӣ мавзуи таҳқиқотии хешро таҳлил ва асоснок намуда, натиҷагирӣ намудааст.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Комилзода Насим Иброҳим дар мавзуи «Ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991 – 2021)» ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таҳияи диссертатсия авторефератҳо ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) мебошад.

**Муқарриз,**
**д. и. т., профессори**
**кафедраи таърихи умумии**
**ДДХ ба номи М. Назаршоев** **Э. Ҳоҷибеков**

**Имзои Э. Ҳоҷибековро**
**тасдиқ менамоям: Сардори раёсати**
**кадрҳо ва корҳои махсуси ДДХ ба номи**
**Моёншо Назаршоев** **Н. Саидраҳмонов**

12.03.2025

**Суроға: 736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Хоруғ, кӯчаи Ш.Шоҳтемур 109,**

**Телефон: (+992) 22248. E-mail: ksu.khorog@mail.ru**